**Муассисаи “Парки технологии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон”**

Муассисаи “Парки технологии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон” (минбаъд МПТДСРТ) бо Фармони Ректори ДСРТ аз 4 июли соли 2016 №94 таъсис дода шудааст. Мутобиқи тартиби қонунгузорӣ МПТДСРТ санаи 01.10.с.2018 дар бахши давлатии бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар н.Исмоили Сомонӣ аз қайди давлатӣ гузашта (Шаҳодатнома №0210026410) дар нозироти андози н.Исмоили Сомонӣ (РМА 020051004) аз қайди баҳисобгирӣ гузаронида шудааст.
МПТДСРТ иборат аз як утоқи корӣ буда, (ҳаҷми умумии он 20 м$^2$) дар он 3 нафар: директор, сармуҳосиб ва хазинадор кору фаъолият менамоянд.
Бо мақсади рушду нумуи МПТДСРТ мутобиқи “Барномаи рушди ДСРТ барои солҳои 2017-2019” аз ҷониби муассиси парки технологӣ ДСРТ ба суратҳисоби парки технологӣ 140 000 (яксаду чил ҳазор) сомонӣ маблағ гузаронида шудааст. Ҳамчунин як қисми таҷҳизоту лавозимоти ДСРТ (ба маблағи умумии 88401,26 (ҳаштоду ҳашт ҳазору чорсаду як сомонӣ 26 дирам)) ба мувозинати МПТ гузаронида шудааст.
Айни замон, ҷиҳати ба роҳ мондани коркарди нави инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои МПТ лоиҳаи «Мошини нусхабардори автоматикунонидашуда» тасдиқ карда шудааст.
Дар давраи фаъолият донишҷӯёни ДСРТ бо сарпарастии МПТ як қатор лоиҳаҳои инноватсионӣ коркард намуда дар озмунҳои дохили ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат намуданд. Дар Технопарк лоиҳаи инноватсионии “Терминали нусхабардории бисёрфунксионалӣ – CopyBox». Инчунин версияи дуюми ин дастгоҳ “CopyBox-2» таҳия карда мешавад, ки дар он усули муосиртар дар истифодаи технологияҳо ва таҷҳизоти муосир истифода мешавад.
Технопарк технологияҳои муосири инноватсиониро, ки ба маҳсулоти Технопарк ворид карда мешаванд, васеъ истифода мебарад. Масалан, қабулкунандаҳои танга, пули қоғазӣ, экрани сенсорӣ, дастгоҳҳои идоракунии фосилавӣ ва як қатор технологияҳои дигар дар ҳоли рушд қарор доранд.
Технопарки ДСРТ барои ҷалби маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ барои кори худ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.
Дар ояндаи наздик Технопарки ДСРТ нақша дорад, ки барномаи тезонидани равандҳоро дар дохили Технопарк таҳия намуда, истеҳсоли силсилавии маҳсулоти Технопарк ва маҳсулоти нав, аз ҷумла дастгоҳҳои роботиро ба роҳ монад.